*Тақризи*

***роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Сафаров Аскарҷон Шарифович дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.***

Диссертатсияи Сафаров Аскарҷон Шарифович дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шудааст.

Сафаров Аскарҷон Шарифович соли 2011 Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзодаро бо ихтисоси омӯзгори «Забони англисӣ» хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсионии Сафаров Аскарҷон Шарифович дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва мукоисавӣ дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 28.12.2017 таҳти рақами №6/9.2 тасдиқ шудааст.

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсияи Сафаров А. Ш. дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва илмӣ-амалии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар шакли маърузаҳои илмӣ гузориш шудаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи рисола дар маҷаллаҳои илмӣ дар шакли 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйид намудааст, ба табъ расидаанд.

Муҳиммияти рисола, пеш аз ҳама, дар набудани пажӯҳиши мушаххас, ки ба таҳқиқи хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти «сайёҳӣ»-и забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудаанд, зоҳир мегардад.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ унвонҷӯ вазифаҳои зеринро дар назди хеш гузоштааст:

- ҷамъоварӣ ва таснифи тематикии истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

муайян намудани сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти сайёҳии забонҳои фавқуззикр;

- ба низоми муайян ва ба як шакл даровардани истилоҳоти сайёҳии забонҳои таҳқиқшаванда;
- муайян намудани ҷанбаҳои сохторӣ, луғавӣ ва семантикии истилоҳоти сайёҳии забонҳои қиёсшаванда;
- таъйин намудани роҳҳои муайян дар раванди иқтибос ва тарҷумаи истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян намудани воситаҳои байнисоҳавии ифодаи истилоҳоти сайёҳӣ дар ҳарду забон;
- таҳлил ва таҳқиқи муфассали намунаҳои луғату истилоҳоти мансуби сайёҳӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо мақсади мушаххас намудани манобеъ ва сарчашмаҳои омузиш ва баррасии истилоҳот;
- таъин ва муайян намудани истилоҳоти мансуби сайёҳӣ, ки бо воситаи тарҷумаи таҳтуллафзӣ аз забонҳои мухталиф иқтибос шудаанд;
- муайян ва таъин кардани накши истилоҳоти иқтибосӣ дар рушди таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

Навгонии илмии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, дар забоншиносии муқоисавӣ бори аввал истилоҳоти мансуби сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар пояи қолабҳои калимасозиву истилоҳсозӣ бар мабнои маводи фарҳангҳои соҳавӣ, осори таърихӣ, илмӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва расонаҳои ахбори омма мавриди омӯзиш, таҳлил ва муқоиса қарор дода шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро низ таъкид кардан зарур аст, зеро маводи он метавонанд ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, таълифу тадвини луғоту истилоҳоти забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ ва ҳамчунин ҳангоми гузаронидани курсҳои назариявӣ аз фанҳои «Муқаддимаи забоншиносӣ», «Кишваршиносӣ» «Луғатшиносӣ» «Забоншиносии умумӣ» ва «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикиву англисӣ», «Назария ва амалия тарҷума» истифода шаванд.

Бояд таъкид намуд, ки диссертант ҳамчун мутахассиси хеле хуб омода гардида, мавзуи диссертатсияро ҳаматарафа омухта таҳқиқ кардааст, аз адабиёти илмии забоншиносии забонҳои таҳқиқшаванда пурра огоҳ аст ва мавзуи таҳқиқро дар сатҳи баланди илмии забоншиносии муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Диссертатсияи муҳаққиқ сазовори баҳои баланд мебошад ва аз назари техникӣ дар шакли зарурӣ таҳия гардидааст ва ба талаботе, ки нисбат ба навишти рисола пешниҳод карда мешавад, комилан ҷавобгу мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу аст.

Сафаров Аскарҷон Шарифович аз вазифаи дар пешаш гузошташуда комилан баромадааст ва диссертатсияеро пешниҳод намудааст, ки ба фикри мо, ҳамчун роҳбари илмӣ, сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов С.С.

Имзои Ҷаматов Самиддин Салоҳиддиновичро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассиса:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 121.
Тел.: +992 (37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
11.03. 2024